## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Олимзода Муҳаммадёр Абдулҳай дар мавзуи «Асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.02 – **ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ**

Интихобот дар ҳаёти сиёсӣ ва ҳуқуқии давлати демократӣ мавқеи муайян ва махсусро ишғол мекунад, зеро он яке шаклҳои зоҳиршавии соҳибихтиёрии миллӣ ва ҳамчунин манбаи ягонаи ҳокимияти халқи арзёбӣ мегардад. Аз ин ҷиҳат, омӯзиши мавзуи мазкур барои рушди минбаъдаи низоми интихоботии кишвар хеле муҳим ва зарурӣ ба назар мерасад. Дар ин замина, аҳамияти мавзӯи таҳқиқотии интихобкардаи муаллифи диссертатсия Олимзода Муҳаммадёр Абдулҳай бешубҳа сариваќтӣ ба ҳисоб меравад. Зеро идоракунии Президенти дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки калиди субот барои фаъолияти низоми сиёсӣ ва ҳуқуқии кишвар гардидааст, омӯзиши он ҳам барои илми ватанӣ ва ҳам барои такмили минбаъдаи қонунгузории кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон зарур ва ҷолиб аст.

Чунин зарурат на фақат ба ҷанбаҳои илмӣ ва қонунгузорӣ балки ба ҷанбаҳои амалии ин падида низ алоқаманд мебошанд. Зеро гузаронидани интихоботи Президенти ҶТ ҳамчун унсури асосии сиёсӣ дар инкишофи муттасил ва бомароми ҷомеа мақом ва нақши муҳим дошта, дар шароити демократикунонӣ ба яке аз қувваҳои асосии муҳаррики пешрафти ҷомеа табдил ёфтааст, ки ин ҳама ва дигар омилҳои дар таҳқиқотии мазкур дастрас гардида мубрамии мавзуро ифода менамоянд.

Бояд қайд кард, ки аҳамияти амалии таҳқиқот бешубҳа муҳим арзёбӣ мегардад. Навоварии илмии таҳқиқот бошад, бо он муайян карда мешавад, ки то ба имрӯз дар адабиёти илмии ватани таҳқиқот оид ба ин масъала нокифоя мебошад. Пас аз таҳлили автореферат, маълум мешавад, ки мавзуи таҳқиқот то чӣ андоза пурра ва ҳамаҷониба омӯхта шудааст. Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он аст, ки маводи пешниҳодшуда метавонанд барои рушди ҳуқуқи конститутсионӣ ва таълими ҳуқуқи интихоботӣ муфид бошанд. Аз ин лиҳоз, маводҳое, ки муаллифи диссертатсия дар таҳқиқоти худ пешниҳод кардааст, метавонанд барои донишҷӯён, аспирантон, устодони донишгоҳҳо ва ҳамаи онҳое, ки ба мавзуи асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷӯҳ доранд, муфид бошанд.

Рисолаи барои дифоъ пешниҳодшуда, чунон ки аз автореферат бармеояд, дорои мантиқи дохилӣ буда, сохтори он, объект, мавзу, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро пурра баён мекунад. Нуктаҳо ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд, ки натиҷаҳои асосии илмии рисолаи муаллифро ифода мекунанд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсия дар мавзуи «Асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 қабул гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Олимзода Муҳаммадёр Абдулҳай сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад.

Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор, декани факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Ҳамроев Ш.С.

Имзои «Ҳамроев Ш.С. »-ро тасдиқ менамоям
Сардори Раёсати кадрҳои Донишгоҳи
(Славянии) Россия ва Тоҷикистон Исмоилова М.Н..

«10» 11 соли 2025

Суроға: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода, 30
Тел.: (+992) 2275337
E-mail: shuxrat-hamro62@mail.ru